ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТӢ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав вобаста ба қабули диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мирзо дар мавзуи «Ташаккули маҳорати лоиҳакашии омӯзгорони ояндаи математика дар системаи инноватсионии таҳсилоти олии педагогӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03. – Назария ва методикаи фанҳои математикӣ)

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мирзо дар мавзуи «Ташаккули маҳорати лоиҳакашии омӯзгорони ояндаи математика дар системаи инноватсионии таҳсилоти олии педагогӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03. – Назария ва методикаи фанҳои математикӣ) тибқи қарори шурои диссертатсонӣ аз 8- уми ноябри соли 2025 суратмаҷлиси №1 дар ҳайати зерин интихоб карда шуданд:

1. **Сафаров Ҷумабой** – узви шуро, доктори илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03. – Назария ва методикаи фанҳои математикӣ (таҳсилоти касбӣ) профессор, раиси комиссия.
2. **Файзализода Баҳрулло Файзалӣ** – узви шуро, доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (таҳсилоти касбӣ) дотсент, узви комиссия.
3. **Хоҷаев Амрохон Мирзоевич** – номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) дотсент, узви комиссия.

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертсионии Мирзозода Шаҳриёр Мирзоро пас аз омӯзиши амиқ онро мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае омад, ки таҳқиқоти мазкур ҳамчун кори пурра ва мустақили илмӣ-тахассусӣ ба анҷом расида, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи

илмии муосир иҷро гардидааст. Мавзуи диссертсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илму техникаи кишвар мувофиқ буда, натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03. – Назария ва методикаи фанҳои математикӣ) мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертсионӣ низ мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати муҳтаво ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03. – Назария ва методикаи фанҳои математикӣ) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳо, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Комиссия қайд менамояд, ки рисолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир баланд бардоштани самаранокии усулҳои таълим дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Таҳқиқи усулҳои мушкилгаро ҳамчун равиши инноватсионӣ дар таълими фанни информатика, ки ба афзоиши ҳавасмандии донишҷӯён ва рушди устувори қобилиятҳои зеҳнӣ, таҳлилӣ ва эҷодии онҳо мусоидат менамояд, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Албатта, татбиқи чунин усулҳо дар таълими информатика ба таҳкими малакаи касбӣ, инкишофи тафаккури мустақил ва пешрафти академии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Масъалаи мавриди таҳқиқ дар доираи проблемаҳои актуалии методикаи таълим қарор дошта, ҷавобгӯ ба эҳтиёҷоти замони муосир ва талаботи бозори меҳнат мебошад. Ҳамзамон, ин таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегияи миллии рушди маориф ва «Барномаи давлатии рушди соҳаи технологияҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф солҳои 2020-2040» созгор буда, барои мутобиқгардонии натиҷаҳои илмию методӣ ба воқеияти таҳсилоти рақамӣ ва ниёзҳои муассисаҳои таълимии олӣ равона шудааст.

Таҳқиқот аз рӯйи мазмуну мӯҳтаво, равиши илмӣ ва тарзи татбиқи натиҷаҳо ба талаботи муосири соҳаи таҳсилоти касбӣ мутобиқ буда, барои амалишавии мақсадҳои сиёсати илмӣ ва маорифӣ дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва касбияти мутахассисони соҳаи математика мусоидат менамояд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Оид ба мавзуи рисола 6 маколаи илмӣ дар нашрияҳои такризшаванда аз рӯйхати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақолаи дигар дар нашрияҳои мухталиф ва маводи конференсияҳои илмӣ ба табъ расонида шудааст.

Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур аз таҳия ва татбиқи моделҳо ва системаҳои муосири тайёр кардани омӯзгороне, ки метавонанд ба тағйироти ҷорӣ дар низоми маориф ба маънои таҳия ва татбиқи ҳам моделҳои умумӣ ва ҳам аҳамияти ташкили раванди таълим дар омӯзиши фанни математика ба роҳ монанд.

Дар доираи ҳалли ин масъала, дар таҳқиқот вазифаҳои зерин ба таври мушаххас матраҳ ва амалӣ гардидаанд:

1. Бо истифода аз маҷмуи маълумоти таърихӣ зери таҳлилу хулосабарорӣ қарор додани дастовардҳо ва мақсаду мароми аз худ намудани донишҳои математикӣ аз нигоҳи рушди рӯзафзуни ҷомеа дар асри 21, ки маҷмуи ихтирооту навоварӣ маҳз бо истифода ва аз бар намудани донишҳои математикӣ ба роҳ монда мешаванд;
2. Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии ба роҳ мондани корҳои таълимӣ-тарбиявии омӯзиши фанни математика аз нигоҳи таълими ба донишҷӯ нигаронидашуда омодагии омӯзгори ояндаи математика тибқи талаботи баронмаҳои таҳсилотӣ ва зоҳир намудани шавқу рағбати онҳо ба омӯзиши фанни мазкур.
3. Муайян намудани унсурҳои заминавии лоиҳакашии педагогӣ аз нигоҳи омодасозии омӯзгорони фанни математика дар фазои инноватсионии таҳсилоти олӣ ва омодагии касбии онҳо оид ба татбиқ намудани таҷрибаҳои муосири педагогӣ ва тарбиявӣ-таълимӣ бо назардошти хусусияти хоси таълими фанни математика;

4. Таҳияи модели методии ташаккули маҳорати лоиҳакашии омӯзгорони ояндаи фанни математика.
5. Таҳияи меъёрҳои арзёбӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули маҳорати лоиҳакашии педагогӣ.
6. Гузаронидани озмоиши педагогӣ ва таҳлили натиҷаҳои татбиқи модели пешниҳодшуда.
7. Тавсияҳои илмӣ-амалӣ, таълимӣ-методӣ ва татбиқи онҳо бо истифода аз мазмуну мундариҷаи мавзуи таҳқиқотӣ ба ташаккули маҳорати педагогии омӯзгорони ояндаи математика равонашуда.

Аҳамияти назариявии таҳқиқотро ҷузъҳои таркибии ифодакунандаи лоиҳакашии педагогӣ аз лиҳози ташаккули маҳорати педагогии омӯзгорон ва татбиқи амалии онҳо бо истифода аз назария ва амалияи таҳсилоти инноватсионӣ муайян гардида, истифодаи таҷрибаи мазкур марҳила ба марҳила нишон дода шудааст; вобастагии ташаккули донишҳои математикии донишҷӯён аз нуқтаи назари ҳамоҳангии онҳо бо рушди зеҳнӣ ва татбиқи моделҳои муосири таълимӣ-тарбиявӣ бо инобати зарурати маҳорати педагогӣ оварда шудааст; бо истифода аз моделҳои мантиқӣ ва пайдарҳамии ба таҷриба равона шуда тарз ва усули лоиҳакашии педагогӣ вобаста аз хусусиятҳои хоси таълими бобҳои алоҳидаи фан аз ҷиҳати илмӣ-амалиявӣ зери таҳлил қарор гирифтааст; марҳилаҳои ба инобат гирифтани хусусиятҳои маърифатии донишҷӯён бо назардошти назария ва амалияи психологияи рушд ва баҳогузорӣ ба дастоварди онҳо ҳамчун заминаи ташаккули донишҳои касбии омӯзгорон дар ҳамоҳангӣ дида баромада шудааст; самаранокии татбиқи таҷрибаҳои муосири лоиҳакашии педагогӣ аз лиҳози вобастагии маҳорати педагогӣ ва баҳогузории муваффақияти донишҷӯён ҳамчун заминаи татбиқи технологияҳои фаъоли таълими ба рушди зеҳнии таълимгирандагон равонашуда исбот карда шудааст; механизми вобастагии ҳавасмандӣ ва таваҷҷуҳи донишҷӯён аз худ намудани донишҳои математикӣ аз лиҳози лоиҳакашии педагогӣ ва муайян намудани ҳадафҳои дидактикӣ дар доираи бобҳо ва мавзуъҳои алоҳидаи фанни мазкур муайян карда шуда, аҳамияти татбиқи онҳо дар амал нишон дода шудаанд; асосҳои илмӣ-назариявӣ ва амалиявии татбиқи технологияҳои ба донишҷӯ нигаронидашуда аз лиҳози

лоиҳакашии педагогӣ ва натиҷагирии таҳсил бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилот оид ба аз худ намудани донишҳои математикӣ асоснок карда шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро дар ҳалли ҷунин масъалаҳо зоҳир мегардад:

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар доираи даровардани тағйироту илова ба мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимии фанҳои риёзӣ ва дақиқ, аз ҷумла математика мавриди истифода қарор гиранд;
- инчунин зимни интихоби мазмуну мундариҷаи баҳогузорӣ ба натиҷагирӣ ва салоҳиятнокии касбии донишҷӯён-омӯзгорони оянда ва истифодаи онҳо дар таҷрибаи педагогии дар як вақт азхуд намудани донишҳои математикӣ ва рушди неруи зеҳнии онҳо ба асос гирифта шаванд;
- бо истифода аз мазмуну мундариҷаи натиҷаҳои ба дастомада маҷмуи дастурҳои методӣ-таълимӣ, саволномаҳои тестӣ, ташкили маҳфилҳои фаннӣ, гузаронидани тренингҳо, чемпионатҳои зеҳнӣ ва дигар усулҳои фаъоли инноватсионии таълим ба роҳ монда шаванд;
- пешниҳодҳо ва асоснокнамоии мазмуну мундариҷаи ташаккули маҳорати лоиҳакашии омӯзгорони оянда имконият медиҳанд, ки модул ва моделҳои муосири ба инобат гирифтани таҷрибаи ҷаҳонии омӯзиши фанни математика ва хусусиятҳои хоси татбиқи онҳо дар амал ба асос гирифта шаванд.

Сохтори муқаддима, мазмун ва пайдарҳамии бобҳои рисолаи диссертатсионӣ мутобиқ ба талаботи муқарраргардидаи стандартҳои таҳияи корҳои илмии таҳия гардида, пайгирии мантиқӣ ва таносуби методологӣ байни қисматҳои он пурра риоя шудааст.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ дар рисолаи диссертатсионӣ бо таҳлили амиқи назариявӣ ва таҷрибаи амалии татбиқи усулҳои таълими математика асоснок гардида, бо далелҳои мӯътамад ва таҳқиқоти эмпирикӣ тақвият дода шудаанд. Маводи пешниҳодгардида пурра ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати он, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, мувофиқ мебошад.

Хулоса

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мирзо дар мавзуи «Ташаккули маҳорати лоиҳакашии омӯзгорони ояндаи математика дар системаи инноватсионии таҳсилоти олии педагогӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03. – Назария ва методикаи фанҳои математикӣ), кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро ба ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мирзо дар мавзуи «Ташаккули маҳорати лоиҳакашии омӯзгорони ояндаи математика дар системаи инноватсионии таҳсилоти олии педагогӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03. – Назария ва методикаи фанҳои математикӣ) таҳлил ва муҳокима намуда, чунин қарор қабул кард.

Қарори комиссияи экспертӣ:

1. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мирзо дар мавзуи «Ташаккули маҳорати лоиҳакашии омӯзгорони ояндаи математика дар системаи инноватсионии таҳсилоти олии педагогӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03. – Назария ва методикаи фанҳои математикӣ) мутобиқ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) омода гардида, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳимоя тавсия дода шавад.
2. Муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** таин карда шавад.
3. Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии диссертатсияи мазкур **Абдукаримов Маҳмадсалим Файзуллоевич** – доктори илмҳои физика

ва математика, дотсент, мудири кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи Донишнишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Шарипова Фотима Абдуфаттоевна** – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъин карда шаванд.

4. Ба нашру пахнкунии автореферат ва диссертатсия, инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои физика ва
математика, профессор Сафаров Ҷ.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент Файзализода Б.Ф.

номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Хоҷаев А.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.